*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 012*
*дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,*
*кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Тавре маълум аст, соҳибкорӣ ин раванди эҷоди чизи навест, ки арзиш дорад, раванде ки вақт ва саъю кӯшишро сарф мекунад, масъулияти молиявӣ, маънавӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад, раванде, ки даромади пулӣ ва қаноатмандии шахсиро аз он чизе, ки ба даст оварда шудааст, нишон медиҳад. Иқтисодшиносон ба он назаранд, ки зиндагии шахсе, ки тасмим гирифтааст, тиҷорати худро оғоз кунад, пур аз умедҳо, ноумедиҳо, ташвишҳо ва заҳматҳост.

Ба андешаи мо соҳибкорӣ ин идоракунии озоди иқтисодӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият (ба ғайр аз он ки бо санадҳои қонунгузорӣ манъ карда шудааст) мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои бозорӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагони мушаххас ва ҷомеа ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва ба даст овардани фоида (даромад), ки барои рушди худидоракунии соҳибкории (корхона) худ ва таъмини ӯҳдадориҳои молиявӣ дар назди буҷетҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидор зарур аст.

Соҳибкорӣ як намуди принсипан нави тиҷорат аст, ки ба рафтори инноватсионии соҳибони корхона, ба қобилияти дарёфт ва истифода бурдани ғояҳо ва ба лоиҳаҳои мушаххаси соҳибкорӣ табдил додани онҳо асос ёфтааст. Ин одатан тиҷорати хатарнок аст, аммо онҳое, ки таваккал намекунанд, дар ниҳоят муваффақ намешаванд. Бо вуҷуди ин, хатар гуногун аст. Соҳибкор пеш аз қабули қарор дар бораи таъсиси тиҷорати худ (ки ба таври муфассал муҳокима карда мешавад) бояд ҳисобҳои дақиқ анҷом диҳад, бозор ва рақибони пешбинишударо ҳамаҷониба омӯзад, интуитсияи худро сарфи назар кунад.

Аз ин рӯ, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» хеле мубрам ва муҳим мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳтавои автореферат дар худ ҳамаи унсурҳои зарурии сохтори диссертатсияро фарогир буда, аз рӯи таҳлили он хулоса баровардан мумкин аст, ки мазмуну мундариҷаи он ба мавзӯи интихобшуда мувофиқ мебошад.

Навгониҳои илмии дар автореферат овардашуда ба таҳияи муқаррароти назариявӣ, методӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки ба ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ равона гардидааст, асос ёфтааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд:

1.Ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ муаллиф ба ташаккулёбӣ ва таъсири иқтисоди рақамӣ дар рушди фазои муосиди соҳбкорӣ хеле кам мароқ зоҳир намудааст.

2. Муаллиф чунин мепиндорад, ки дар шароити имрӯза аз имтиёзҳои андозии пешниҳодшаванда бештар бизнеси калон бархӯрдор гардида, соҳибкории хурду миёна то андозае ҳамаи андозҳои мавҷударо пардохт менамоянд ё худ натиҷаҳои фаъолият ва шумораи кормандонро пурра нишон намедиҳанд, вале ин ақидаҳо дар автореферат тавзеҳ дода нашудааст.

Бояд қайд карда, ки камбудиҳои зикр гардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи хело мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯи ихтисоси ихтисоси ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда: Директори**
**институти иқтисодиёт ва демографияи**
**АМИТ, д.и.и.** **Бобозода К.О.**

Имзои О.К.Бобозода-ро тасдиқ менамоям:
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**ИИД АМИТ** **Махсудшоева З.Д.**

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо, 6А
Телефон/Fax: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65
Fax: +992 (37) 221-67-50

Суроғаи электронӣ: info@ied.tj
«____»________ соли 2026